# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси роҳи васеъ кушодан бахри рушду ташаккули соҳаҳои муҳими кишвар гардид. Махсусан баъди бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани «Соли 2018 - Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «Солҳои 2019-2021- Солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ» ин соҳаҳо қадам ба пешравӣ монда ба натиҷаҳои мусбӣ ноил гардида истодаанд, ки дар ин кор нақши воситаҳои ахбори омма хеле калон ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин ба таҳқиқи илмӣ кашидани фаъолияти матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлон зери унвони «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» ба нафъи илм дар соҳаи журналистикаи матбуотӣ мебошад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишиест, ки ба самти журналистика ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ **мувофиқат менамояд.**

**Аҳамияти мавзуи** рисолаи диссертатсионии Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» дар он зоҳир мешавад, ки асри XXI- ро асри иттилоот меноманд, дар он ҳамон кишваре пешсафу рушд мекунад, ки аҳолиаш сари вақт бо рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ бохабар мегардад. Яъне итилооти саривақтӣ шаҳрвандонро ба роҳи дурусти созандагиву пешбарандагӣ ва бо ин ба рушди соҳаҳои муҳими ҷомеа мебарад. Дар ин бобат маводи рӯзномаву маҷаллаҳои маҳаллӣ ҳарчанд,

ки имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба онҳо хеле кам шудааст, бо вуҷуди он то ба ҳол хонандаи хешро пурра аз даст нadодааст, нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, интихоб ва ба пажӯҳиш кашидани мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» саривақтӣ ва **мубрам** арзёбӣ мегардад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияҳои даврии маҳаллии «Хатлон» ва «Сафо» дар шакли рисолаи диссертатсионӣ бори нахуст баррасӣ шудаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии журналистикаи ватаниву хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеоянд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки натиҷаи таҳқиқот ва хулосаҳои пешниҳодгардида донишҳои назариявиро дар бораи нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ васеъ намуда, метавонанд дар омӯзишҳои оянда истифода бурда шавад. Мазмуну муҳтавои диссертатсия дар пажӯҳиши нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун яке аз мавзуъҳои асосии матбуоти даврии маҳаллӣ замина фароҳам меоварад. Рисолаи диссертатсионии мазкур дар шинохти нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ манбаи нави илмӣ буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти нави пажӯҳиши илмӣ ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи мазкурро метавон барои таҳияи рисолаҳои илмӣ ҳамчун

сарчашма истифода намуд. Натиҷаҳои пажӯҳиш барои такмили шинохти нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияҳои даврии маҳаллии ватанӣ, татбиқи вазифаҳои матбуоти даврии маҳаллӣ, ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи китобу воситаҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

Диссертант доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан дар илми журналистикаи тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аҳаммияти илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, иборат аз се фасл мебошад. Фасли аввали боби якум «Баррасии соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Паёми солона ва Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, дар он бобати таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Тоҷикистон оид ба рушди соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ сухан меравад. Фасли дуюми боби аввал «Таъмини шароит, амнияти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон гирифта, дар он муҳтавои сарчашмаҳои хабарие, ки дар бораи имконияту шароитҳои сайёҳии Тоҷикистон, навъҳо он ва масъалаҳои таъмини бехатару махсусияти ҳунарҳои мардумӣ баррасӣ шудаанд. Фасли сеюми боби якум - «Инъикоси татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба сайёҳӣ дар матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлон» унвон дошта, масъалаҳои дар номи фасл зикршуда ба пажӯҳиш кашида шудаанд.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ баъди омӯзишу пажӯҳиши мавзуи интихобшудаи диссертатсия дар боби якум ба хулосаи лозимӣ омада, зикр менамояд, ки «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷумлаи соҳаҳоеанд, ки рушди онҳо барои муаррифии шоистаи сарватҳои табиию фарҳангии Тоҷикистон созгору коромад мебошад. ВАО, аз як ҷониб сарчашмаи боэътимоди иттилооти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бошанд, аз ҷониби дигар барои амалӣ шудани ҳадафҳои стратегӣ, ки рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз он шуморанд, мусоидат мекунанд».

Боби дуюми диссертатсия - «Бозтоби масоили сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти даврии Хатлон» аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби дуюм - «Баррасии сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияи «Хатлон»» унвон дошта, дар он маводи ба масъалаҳои соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бахшидашудаи нашрияи «Хатлон» ба таҳқиқ кашида шудааст. Дар фасли дуюми боби дуюм «Вижагиҳои

инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии вилояти Хатлон дар маҷаллаи «Сафо»» ном гирифта дар он вижагиҳои инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии вилояти Хатлон ба пажӯҳиш кашида шудаанд. Диссертант баъди таҳлилу омӯзиши амиқ дар боби дуюм ба хулосаи илмӣ омада, чунин зикр менамояд: «Маводи ба мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бахшидашудаи рӯзномаи «Хатлон» асосан дорои хусусиятҳои иттилоотию маълумотӣ, таблиғотӣ, маърифатӣ, раҳнамоикунанда ва интиқодӣ мебошанд. Бо дарназардошти ин ки беш аз 70 дарсади аҳолии вилояти Хатлон дар деҳот зиндагӣ мекунанд, имконоти эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ бештар буда, матбуоти маҳаллӣ дар ин самт нақши намоён дорад. Маҷаллаи «Сафо» бештар ба мавзуи рушди ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, бо масъалагузориҳои касбии журналистӣ ба аҳамияти эҳё, ҳифз ва инкишофи анвои гуногуни ҳунарҳои мардуми равшанӣ андохтааст».

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои жанрии маводи матбуоти даврии маҳаллӣ оид ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» низ аз се фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби сеюм «Инъикос ва шарҳи воқеиятҳои марбут ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар маводи хабарии нашрияҳои «Хатлон» ва «Сафо»» ном дошта дар он маводи дар жанрҳои иттилоотӣ нашргардида ба таҳқиқ кашида шудаанд. Дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсия - «Барррасии мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ» ба таҳлил карда шудаанд. Дар фасли сеюми боби сеюми диссертатсия - «Ҷанбаҳои публитсистӣ- бадеии маводи марбут ба масоили сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» пажӯҳиш гардидааст.

Диссертант баъди таҳқиқ дар боби сеюми диссертатсия ба хулосаи дуруст омада, чунин менависад: «Таҳлили жанрии маводи нашрияҳои «Хатлон» ва «Сафо» маълум кард, ки имконоти ҳар се гурӯҳи жанрҳои журналистӣ – ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсисӣ-бадеӣ истифода шудааст.

Аксари мавод дар қолаби хабар, репортаж, мусоҳиба, ҳисобот, мақола, очерк ва лавҳа пешниҳод гардидааст».

**Хулосаи диссертатсияи** Расулзода Комрон Бахтиёр фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд ва истиноди заруриро дарбар гирифтааст. Мебояд таъкид кард, ки дар рисолаи диссертатсионии мазкур дар баробари муваффақиятҳо, баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи диссертатсия хоҳанд шуд:

1. Ба андешаи мо агар номи диссертатсия, ки «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» мебошад, ислоҳ намуда, дар шакли «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар инъикоси соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо», солҳои 2018-2021)» пешниҳод мегардид, мантиқан фаҳмо мегардид;

2. Фасли дуюми боби якум зери унвони «Таъмини шароит, амнияти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фасли сеюми ҳамин боб бо номи «Инъикоси татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба сайёҳӣ дар матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлон» мазмунан ба ҳамдигар хеле наздик мебошанд, Аз ин рӯ беҳтар мебуд, ҳардуи ин фасл якҷоя кардашуда зери унвони «Инъикоси татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои бадеӣ дар матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлон» ҳамчун фасли дуюми боби якум пешниҳод мегардид;

3. Дар боби дуюми диссертатсия ба андешаи мо агар фасли якум зери унвонии «Инъикоси мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияҳои даврии маҳаллии минтақаи Хатлон то соҳибистиқлолии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, пажӯҳиши он ба амал баровара мешуд, рисолаи диссертатсионӣ боз ҳам мукаммал мегашт.

4. Фасли якум ва дуюми боби дуюмро якҷоя карда, бо каме ислоҳ дар фасли дуюми боби дуюм «Вижагиҳои инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии вилояти Хатлон дар рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо»» номгузорӣ намудан боиси боз ҳам мукаммалтар ва мувофиқтар гардидани рисолаи диссертатсионӣ мегардад;

5. Ба нигоҳи мо беҳтар мебуд, ки рисолаи диссертатсионии мазкур чи хеле ки диссертант дар се боб таҳия намудааст ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Аммо нисбати фаслҳо, ки аз ҳашт фасл иборат мебошанд, беҳтар мебуд, ки онҳо ба шаш фасл кутоҳ карда шаванд. Зеро бо ин ҷо ба ҷогузорӣ, мантиқан бо ҳам пайванду давоми ҳамдигар будан ва муҳтавои диссертатсия боз ҳам фаҳмову мукаммал мегардад. Аз ин рӯ пешниҳоди мо дар боби сеюм фаслҳои он аз се ба ду кутоҳ карда, бо унвониҳои зерин: фасли якум «Инъикоси воқеатҳои марбут ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо жанрҳои иттилоотиву таҳлилӣ дар рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо»» ва фасли дуюм «Баррасии мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ» ислоҳ карда шаванд.

Норасоиҳои зикршуда ислоҳпазир буда, арзиши илмии рисолаи диссертатсиониро кам намекунанд. Муаллифи диссертатсия вазифаҳои дар наздаш гузоштаро муваффақона ба анҷом расонидааст. Рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати диссертатсия аз нигоҳи мундариҷаву муҳтаво, мазмун, сохтор ва ҳаҷм ҷавобгӯи талабот мебошад. Мақолаҳои илмие, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Рисолаи диссертатсионии Расулзода Комрон Бахтиёр бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода» **Муъминҷонов Зулфиддин**
7 феврали соли 2025

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Б.Ғафуров, бинои 32, ҳуҷраи 46.
Тел.: (+992) 93-505-14-63.
E-mail: zulfiddin.m @ mail.ru

Имзои **Муъминҷонов Зулфиддинро**
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода» **Ҳамидова Заррина**

Суроға: 734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 37) 231- 45- 45.
E-mail: www.ddst.tj
8 феврали соли 2025